**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ВБД:** 347.4:368 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2) 3+65.9 (2) 261.7 (2тоҷикӣ)
**Н**– 92

Бо ҳуқуқи дастнавис

**НУРУЛЛОЗОДА АЛӢ НУРУЛЛО**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ

**ДАНҒАРА – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст

**Роҳбари илмӣ:** **Сангинзода Дониёр Шомаҳмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим.

**Муқарризони расмӣ:** **Бобозода Ҷамурод Қурбон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молияви Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Аҳророович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе)

Ҳимояи диссертатсия санаи «3» июли соли 2026, соати 09:$^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–018–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Суроға: Қодиров Н.А. master.nek@mail.ru, (тел.: 905–80–86–86).

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар шароити имрӯзаи пешрафти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши хизматрасонии суғурта мақоми хеле муҳимро ишғол мекунад. Ин масъала аз якчанд самтҳо хеле ҳассос ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, бахши суғурта ба ҳайси ҷузъи калидии сохтори молиявии мамлакат ба ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ, кам кардани иқтидори иқтисодӣ барои соҳибкорон ва ҳифзи пойдории куллии иқтисодияти миллӣ кӯмак мерасонад. Дар солҳои охир ин бозор нишондиҳандаҳои мусбат нишон медиҳад. Масалан, «дар нимсолаи аввали соли 2025 ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ба 208,60 млн сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5,04% афзоиш ёфта, ҳамзамон бо афзоиши шумораи шартномаҳои басташуда (дар ҳамин давра +16,4%) вобаста мебошад. Дар се моҳи аввали соли 2025 ҳаҷм 114,40 млн сомонӣ буд (ҳарчанд коҳиш –14,2% нисбат ба соли пешин), аммо дар умум тамоюли рушд мушоҳида мешавад»[89]. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бозор дар ҳоли тавсеа аст, вале ҳанӯз ҳам ҳаҷмаш нисбат ба кишварҳои ҳамсоя (Қазоқистон, Узбекистон) хеле кам буда, сатҳи нафуз паст мемонад [90].

Дуввум, фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бозор дорои хусусияти таваккалӣ аст, яъне ташкилотҳои суғуртавӣ хатарҳои воқеии соҳибкоронро (таваккали соҳибкорӣ, ҷавобгарии маданӣ, талафоти молу мулк ва ғайра) ба зимма мегиранд ва бар ивазаш фоида мегиранд. Ин муносибатҳо мустақиман ба устувории фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва рушди бахши хусусӣ таъсир мерасонанд. Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисодиёт ба омилҳои беруна (муҳоҷират, тағйирёбии иқлим, хатарҳои табиӣ) вобаста аст, суғурта ҳамчун воситаи коҳиши хатарҳо аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.

Сеюм, мушкилҳои ҳуқуқӣ ва амалии ҳанӯз ҳам фаровонанд ва ҳаминҳо ба пешрафти ин бозор монеа эҷод мекунанд: «нокифоя будани воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ва шахсони суғурташуда (аз ҷумла ҳолатҳои рад кардани пардохтҳо, низоъҳои марбут ба шартномаҳо, сатҳи ночизи боварӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ); норасоии ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ (масалан, талаботҳои сармоя ва идоракунии хавфҳо); мушкилҳои

танзими давлатӣ, яъне гарчанде Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2025 ба рақамисозии фаъолияти суғурта гузашт ва чандин тадбирҳои навро ҷорӣ намуд, вале то ҳол камбуди қонунҳои махсус (хусусан дар бахши суғуртаи ҳатмӣ дар намудҳои муайян ё азнавсуғуртакунӣ) мушоҳида мешавад; сатҳи ночизи фарогирии бозор, яъне ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ нисбат ба ММД хеле паст аст (мувофиқи баъзе таҳлилҳо тақрибан $28 млн дар солҳои охир), ки ин аз заиф будани фарҳанги суғурта ва маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳо шаҳодат медиҳад» [88].

Чорум, дар сатҳи сиёсати давлатӣ мавзӯъ афзалият дорад. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020–2025) [84; 85; 86; 87] ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021–2025 [82] такмили бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори суғурта, ҳамчун омили муҳими рушди устувор ва коҳиши камбизоатӣ зикр шудааст. «Стратегияи кишварии Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шарикон барои солҳои 2025–2030 низ ба тақвияти рақобатпазирӣ, идоракунии хавфҳо ва фарогирии молиявӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд» [83].

Панҷум, аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, таҳқиқи амиқи ҳуқуқии ин соҳа ҳанӯз нокифоя аст. Дар ҳоле ки асарҳои олимони тоҷик (Зайнутдинова З.З., Золотухин, А.В., Искандари С. [63; 65; 66]) заминаҳои назариявиро гузоштаанд, ҷанбаҳои мушаххаси Тоҷикистон – аз қабили татбиқи рақамисозӣ дар соли 2025, таъсири тағйирёбии иқлим ба хатарҳои суғуртавӣ ва ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар шароити афзоиши рақобат дар бозори суғуртаи Тоҷикистон ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзӯъ аз робитаи мустақими он бо рушди иқтисоди миллӣ, ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон, устувории молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ бармеояд. Таҳқиқи ҳуқуқии ин бозори суғурта аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ метавонад ба такмили қонунгузорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» [2]), баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта мусоидат намояд. Ин ҳама дар шароити кунунӣ, ки кишвар ба сӯи иқтисоди рақамӣ ва устувор ҳаракат мекунад, аҳамияти фавқулодда дорад.

Дар ин робита, омӯзиши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳоии суғурта аз аҳамияти хоса

бархурдор буда, таҳлили назариявӣ ва амалии ин мавзӯъ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзӯи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ то андозае омӯхта шудааст, аммо ҳанӯз ҳам дараҷаи таҳқиқи он нокифоя арзёбӣ мешавад. Ин мавзӯъ дар чорчӯбаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ баррасӣ гардида, асосан ба ду сатҳ тақсим мешавад.

1. Дар сатҳи ватанӣ вобаста ба таъминоти ҳуқуқии суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Золотухин А.В. рисолаи докторӣ (2015) [65], суғуртаи таваккали соҳибкорӣ: танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандари С. рисолаи номзадӣ (2018) [66] ва манфиати суғуртавӣ ҳамчун категорияи асосии ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон З.З. Зайнутдинова рисолаи номзадӣ (2025) [63] дифо намудаанд. Дар баробари ин олимон Ш.К. Бадалов (Ш.К. Каримзода) [19], И.Ҳ. Бобоҷонов (И.Ҳ. Бобоҷонзода)[19], Р.Б. Бозоров [60], Ш.К. Ғаюрзода [46; 47], Ш.М. Исмаилов [17], Ф.А. Махмадшоев [70], М.А. Маҳмудов (М.З. Маҳмудзода)[18; 19], Ш.М. Менглиев [18; 20], П.З. Мирзозода [48; 49; 50], Ҷ.С. Муртазақулов (Ҷ.С. Муртазозода) [51], В.А. Ойгензихт [23; 24], М.З. Рахимов (М.З. Раҳимзода) [25; 26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 52; 71], Д.Ш. Сангинов (Д.Ш. Сангинзода) [21; 22; 33; 34; 25; 36; 37; 38; 39; 40;41; 43; 44; 45; 53; 54;55; 56; 57; 58; 73; 74; 75], Р.Ш. Сотиволдиев, (Р.Ш. Шарофзода) [42], Т.И. Султанова [76; 77], Ш.Т. Тағайназаров [19; 59] ва дигарон дар асрҳои худ паҳлуҳои алоҳидаи бозори хизматрасониии суғуртаро мавриди таҳлил қарор додаанд,

2. Дар сатҳи кишварҳои хориҷӣ олимон А.В. Брызгалин [60], И.А. Волкова [62], С.В. Жучков [64], О.А. Кабышев [67], В.А. Копылов [68], И.В. Лаптева [69], А.Г. Савин [72], Н.И. Федякова [78], М.И. Чаава [79], Л.Г. Шаршукова [80]; Т.С. Шестовских [81] баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти суғуртавиро таҳлил намудаанд. Ин таҷрибаҳо барои Тоҷикистон манбаи муҳиманд, аммо фарқиятҳои қонунгузорӣ ва амалияи кишвар боиси он мегардад, ки натиҷаҳои онҳо мустақиман наметавонанд татбиқ карда шаванд.

Аксари асарҳо ба ҷанбаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои суғурта тамаркуз карда, таҳлили амиқи амалии бозори суғуртаро фаро намегиранд. Чунки аксари асарҳо ба ҷанбаҳои назариявӣ (таърифҳо, принсипҳо, заминаҳои конститутсионӣ) тамаркуз кардаанд, аммо таҳлили амалии бозор пас аз солҳои 2020–2025 (рақамисозӣ, афзоиши пардохтҳо, мушкилоти ҳимояи суғурташавандагон, таъсири тағйирёбии иқлим ба хатарҳо) дар бар намегиранд. Инчунин таҳқиқоти муқоисавӣ (муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо Русия, Қазоқистон, Украина ва Иттиҳоди Аврупо) ва омӯзиши парвандаҳои судӣ (ҳалномаҳои иқтисодӣ оид ба баҳсҳои суғуртавӣ) пурра ба сомон расонида нашудаанд. Баъдан навгониҳои охирин (рақамисозии назорат аз ҷониби БМТ, таъсири пандемия ва афзоиши хатарҳои табиӣ) дар корҳои пешина инъикос нагардидаанд.

Дар ин диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ба воситаи таҳлили ҳаматарафаи мавзӯи таҳқиқот ба анҷом расонида шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи мавзӯъҳои таҳқиқоти илмии Донишгоҳи давлатии Данғара: «Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди давлати ҳуқуқбунёд дар шароити таъғйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар солҳои 2024–2028» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон бо назардошти шароити муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад.

**Вазифаҳои асосии** таҳқиқоти диссертасионӣ чунин мебошанд:

– таҳлили консептуалии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун як намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ.

– муайян намудани аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои

соҳибкорӣ ва муайян кардани нақши онҳо дар гардиши гражданию ҳуқуқӣ.

– омӯзиши шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва арзёбии самаранокии онҳо дар шароити имрӯза.

– таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта, инчунин омӯзиши мушкилоти ҳуқуқӣ дар ин самт бо мақсади истифодаи таҷрибаи мусбат.

– пешниҳоди механизмҳои ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта.

– коркард ва асоснокии пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда бо мақсади таъмини устуворӣ, рушд ва ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта.

**Объекти таҳқиқот** – муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Ин муносибатҳо байни ташкилотҳои суғуртавӣ (суғуртакунандагон), суғурташавандагон (аз ҷумла субъектҳои соҳибкорӣ), мақомоти давлатии назоратӣ ва дигар иштирокчиёни бозор (брокерҳо, адҷастерҳо, актуариҳо) ташаккул меёбанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот – меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта, шаклҳо ва мазмуни шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ, механизмҳои танзими давлатӣ, мушкилоти амалӣ ва роҳҳои такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (давраи таърихии таҳқиқот).** Марҳилаи таҳқиқот фарогири солҳои 2020 – 2025 буда, макони таҳқиқот Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо муқоисаи қонунгузории Русия, Қазоқистон, Украина ва стандартҳои ИА) аст ва давраи таҳқиқот қонунгузории амалкунандаи кишвар дар солҳои 1991–2025 бо таваҷҷуҳи махсус аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ Бобоҷонов И.Ҳ., Бозоров Р.Б., Бадалов Ш.К., Ғаюрзода Ш.К., Исмаилов Ш.М., Маҳмудов М.А., Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Мирзозода П.З.,

Муртазақулов Ҷ.С., Ойгензихт В.А., Рахимов М.З., Сангинов Д.Ш., Султанова Т.И., Тағайназаров Ш.Т., Шарофзода Р.Ш. ва олимони хориҷӣ Брызгалин А.В., Волкова И.А., Жучков С.В., Кабышев О.А., Копылов В.А., Лаптева И.В., Савин А.Г., Федякова Н.И., Чаава М.И., Шаршукова Л.Г., Шестовских Т.С.ташкил медиҳанд.

Асосҳои амалӣ таҳқиқот дар он аст, ки омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бозори суғурта (2020–2025), ҳисоботҳои Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо, ҳалномаҳои судҳои иқтисодии Тоҷикистон оид ба баҳсҳои суғуртавӣ (5 парвандаи баррасишуда), таҷрибаи амалии ташкилотҳои суғуртавӣ ва мақоми назоратӣ ба таври муфассал таҳлил шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти илмӣ методҳои зерини таҳқиқот дар асоси мавқеи истифодаашон дар сохтори рисола ба таври зайл шарҳ дода мешаванд:

1. Таҳлилӣ–ҳуқуқӣ. Ин метод ҳамчун воситаи асосии таҳқиқ дар тамоми бобҳо, махсусан дар зербобҳои 1.1., 2.1. ва 3.1. васеъ истифода шудааст. Муаллиф тавассути ин метод моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро (Конститутсияи ҶТ[1], КМ ҶТ[3], Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»[2] ва дигар санадҳо[4–16]) ба таври амиқ таҳлил намуда, мафҳумҳои асосӣ, аломатҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои фаъолияти соҳибкориро дар бозори суғурта муайян кардааст. Дар қисматҳое, ки ба таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ бахшида шудаанд (аз ҷумла дар муқаддима ва боби 1), ин метод имкон додааст, ки муаллиф нуктаҳои устувор ва заъфи қонунгузориро ошкор намояд.

2. Муқоисавӣ–ҳуқуқӣ. Ин метод асосан қисман дар муқаддима, дар зербоби 2.2. ва боби 3 мавриди истифода қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз ин метод қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи суғурта бо қонунгузории кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва стандартҳои байналмилалӣ (Solvency II, IFRS 17) муқоиса намудааст. Дар натиҷа, ҷойгоҳи низоми миллӣ дар арсаи байналмилалӣ муайян карда шуда, таҷрибаи мусбати хориҷӣ барои пешниҳоди такмили қонунгузорӣ дар боби 3 пешниҳод гардидааст.

3. Таърихӣ. Гарчанде ин метод дар рисола камтар истифода шудааст, аммо дар муқаддима ва зербоби 1.1. барои нишон

додани таҳаввулоти таърихии танзими ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ ва ташаккули афкори илмӣ дар ин соҳа (масалан, дар қисмати таҳлили адабиёт ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ) нақши муҳим дорад. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки марҳилаҳои асосии рушди қонунгузориро муайян намуда, пайдарпайии тағйиротро дар ин самт нишон диҳад.

4. Синтез ва индуксия. Ин метод дар таҳияи хулосаҳои умумии бобҳо (махсусан дар охири бобҳои 1, 2 ва дар хулосаи умумии рисола) васеъ истифода шудааст. Муаллиф тавассути синтез маълумоти парокандаи ҳуқуқиро муттаҳид сохта, дар боби 3 (махсусан дар зербобҳои 3.1. ва 3.2.) барои пешниҳоди механизмҳои нав ва такмили қонунгузорӣ натиҷаҳои таҳлилро ҷамъбаст намудааст. Индуксия имкон додааст, ки аз мушоҳидаи парвандаҳои судӣ (5 парванда дар муқаддима ва боби 2) ва таҷрибаи амалӣ ба хулосаҳои умумӣ оид ба мушкилоти ҳуқуқӣ дар бозор оварда расонад.

5. Усули моделсозӣ. Ин метод бештар дар боби сеюми рисола (махсусан дар зербоби 3.2.) истифода шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлилҳо ва муқоисаҳо, моделҳои ҳуқуқии такмили қонунгузориро (ба монанди пешниҳоди таъсиси Фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, институти Омбудсмени суғурта, ворид намудани бобҳои нав ба қонун) коркард намудааст. Ин моделҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити миллии Тоҷикистон таҳия гардида, роҳҳои воқеии ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро дар соҳаи суғурта пешниҳод мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади таъмини асоснокии илмӣ ва қаноатмандии натиҷаҳо маҷмӯи васеи сарчашмаҳои эмпирикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд. Дар ин асно ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда (Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва ғайра), санадҳои зиддиинҳисорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии мақомоти назоратӣ ба сифати асоси меъёрию ҳуқуқии таҳқиқот хизмат намуданд. Таҳлили ин ҳуҷҷатҳо барои муайян намудани фазои ҳуқуқии амалкунанда ва дарёфти роҳҳои такмили он мусоидат намуд. Заминаи асосии эмпирикиро

маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки давраи солҳои 2020–2025–ро фаро мегиранд. Ин маълумотҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ (208,60 млн сомонӣ дар нимсолаи аввали соли 2025) ва афзоиши шумораи шартномаҳои басташуда (+16,4%), барои тасвири вазъи кунунии бозори суғурта ва тамоюлҳои рушди он асоси мустаҳкам фароҳам оварданд. Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқот ҳисоботҳои солонаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо барои солҳои 2021–2024 мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Таҳлили ин ҳисоботҳо имкон дод, ки самаранокии механизмҳои кафолати давлатии амонату пасандозҳо ва ҳаҷми захираҳои кафолатӣ арзёбӣ карда шавад. Барои дарки амиқи мушкилоти амалӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, беш аз 5 парвандаи муҳими судӣ, аз ҷумла парвандаҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе (№ 1–312/19, № 1–45/21, № 1–156/21) ва Суди иқтисодии вилояти Хатлон (№ 1–87/19, № 1–203/20) таҳлил гардиданд. Баррасии ин парвандаҳо ба муаллиф имкон дод, ки мушкилоти марбут ба радди пардохтҳо, тафсири шартномаҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкоронро дар амалия ошкор намояд. Ғайр аз ин, маводи конференсияҳои илмӣ–амалӣ ва мақолаҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ дар солҳои 2020–2025 низ барои муқоисаи нуқтаҳои назар ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки таҳқиқот замина гузоштанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он барои нахустин дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023–2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст.

1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст

2. Мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон дар танзими суғурта пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023–2025 муайян карда шудааст.

3. Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ассоснок карда шудааст.

4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт коркард шудааст.

6. Таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи бойи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва пешниҳоди роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ бо аломатҳои асосии зерин эътироф карда мешавад: мустақилият (озодии бастани шартномаҳо); бонизомӣ ва доимӣ будани фаъолият; таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда); мақсади гирифтани фоида (даромаднокӣ). Хусусияти асосии он дар он зоҳир мешавад, ки таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти мустақими фаъолият баромад карда, муносибатҳои суғуртавиро ба категорияи муносибатҳои алеаторӣ (таваккалӣ) табдил медиҳад.

2. Шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ дорои аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва хусусиятҳои хоси соҳавӣ (алеаторӣ, ҷубронӣ, ҳимоявӣ–пешгирӣ) мебошанд. Дар муносибатҳои соҳибкорӣ онҳо на танҳо ҳимояи молу мулк, балки ҳимояи натиҷаи ниҳоии фаъолият – фоида, даромад, устувории иқтисодӣ ва қобилияти рақобатро таъмин менамоянд. Дар шароити муосир зарурати ҷорӣ намудани зернамудҳои шартномаи суғуртаи киберӣ, суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ, суғуртаи масъулияти экологӣ ва масъулияти маҳсулот ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ба миён омадааст. Ин намудҳои суғурта ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки дар шароити афзоиши хавфҳои технологӣ ва рақамӣ, инчунин талаботи экологӣ ҳимояи зарурӣро ба даст оранд.

3. Мушкилҳои калидии ҳуқуқӣ ва амалие, ки танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистонро мураккаб мегардонанд, аз инҳо иборатанд: норасоии воситаҳои муассири ҳимояи ҳуқуқии шахсони суғурташуда ва соҳибкорон дар ҳолатҳои рад шудани пардохтҳо ё таъхирҳои тӯлонӣ дар

ҷуброни зарарҳо; сатҳи пасти шаффофият ва маҳдудияти дастрасӣ ба маълумотҳои дақиқ дар доираи ин бозор; ҳамоҳанг набудани талаботҳои капиталӣ ва назорати хавфҳо бо стандартҳои байналмилалӣ; заифии низоми ҳалли баҳсҳои ғайрисудӣ ва маҳдудияти рақобат дар бозор; камбуди қонунгузории махсус оид ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва суғуртаи мутақобила дар шароити Тоҷикистон.

4. Роҳҳои асосии такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта инҳоянд: ислоҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо муқаррароти нав оид ба талаботҳои капиталӣ, идоракунии хавфҳо ва ҳимояи истеъмолкунандагон; таъсиси низоми кафолати пардохтҳои суғуртавӣ; ҳамоҳангсозии талаботҳои назоратӣ бо стандартҳои Solvency II ва IFRS 17; рушди рақамисозӣ ва платформаҳои электронӣ барои бастани шартномаҳо ва ҳисоботдиҳӣ; тақвияти ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон дар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии таваккали соҳибкорӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, аҳамияти он дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ–назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва танзими ҳуқуқии бозорҳои молиявӣ (аз ҷумла бозори суғурта) истифода бурд. Хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот заминаи назариявии муҳимро барои омӯзиши минбаъдаи механизмҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамисозӣ ва ислоҳоти назоратии солҳои 2022–2025 фароҳам меоранд. Ин хулосаҳо на танҳо барои таҳқиқоти нав дар соҳаи ҳуқуқи суғурта, балки дар дигар мавзӯъҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун пояи назариявӣ хидмат карда метавонанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои коркардшуда (таҳияи Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси омбудсмени мустақили суғурта бо салоҳияти қабули қарорҳои ҳатмӣ то 200 000 сомонӣ, эҷоди Фонди кафолати пардохтҳо, роҳандозии портали ягонаи муқоисавии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва барномаҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон) метавонанд барои такмили қонунгузории

амалкунанда (Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Кодекси мадании ҶТ), баланд бардоштани самаранокии назорати Бонки миллии Тоҷикистон, ҳалли баҳсҳои судӣ оид ба радди пардохтҳо ва таъхирҳои ҷубронҳо, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар амалияи мақомоти назоратӣ (БМТ), судҳои иқтисодӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ташкилотҳои суғуртавӣ барои баланд бардоштани шаффофият, рақобат ва эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта татбиқ гарданд. Илова бар ин, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар таълими донишҷӯён ва аспирантҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи мадани», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курсҳои махсуси ҳуқуқи суғурта муфид хоҳанд буд ва метавонанд ҳамчун замина барои навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатмӣ ва мақолаҳои илмӣ истифода шаванд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот ба рушди назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ дар шароити муосири Тоҷикистон мусоидат намуда, роҳҳои воқеии ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалии бозори суғурта, таъмини устувории иқтисоди миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкоронро пешниҳод менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани донишҳои пайдошуда, дар робитаи диалектикии он бо асарҳои муҳаққиқони соҳа, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективонаи механизми танзими ҳуқуқӣ– мадании розигӣ, таҳлили пурраи сарчашмаҳои илмию амалии соҳавӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда ифода мегардад. Натиҷаҳо бо эътимоднокии баланд асосноканд, зеро таҳлили зиёда аз 200 сарчашмаи илмӣ ва ҳуқуқӣ (қонунҳо, монографияҳо, мақолаҳо, диссертатсияҳо), омӯзиши омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025, баррасии ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои амалӣ. муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо таҷрибаи Русия, Қазоқистон, Украина ва Иттиҳоди Аврупо ба сомон расонида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки таҳлили мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақил бо таъкид ба хусусияти дуҷонибаи таваккал ба анҷом расонида шуда, мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон пас азислоҳоти назоратии солҳои 2020–2025 муайян карда шудаанд. Инчунин нуқтаҳои илмии назариявӣ ва амалии пешниҳодшудаи муаллиф барои такмили илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ, қонунгузорӣ мусоидат намуда, тавсияҳои амалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардида, дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо пешниҳод ва муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, маърузаҳо дар конфронсҳои зерин пешкаш гардидаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маърӯза дар мавзӯи “Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маърӯза дар мавзӯи “Шартномаи хизматрасонии суғуртавӣ: таҳлили муқоисавии қонунгузории ИМА, Русия ва Чин” (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи "Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маърӯза дар мавзӯи “Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи "Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маърӯза дар мавзӯи “Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта” (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф ба нашр расидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта**» номгузорӣ гардида, дар он заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ, аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд.

Зербоби якуми боби якум **«Заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ»** буда, муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ибрози ақида менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуди мустақили фаъолияти иқтисодӣ эътироф мешавад. Ин фаъолият на танҳо ҳимояи манфиатҳои

молумулкӣ ва шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки кафолати устувории иқтисоди миллӣ, рушди бозори молиявӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолиро таъмин менамояд. Заминаи ҳуқуқии он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Мувофиқи моддаи 12 Конститутсия «давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад»[1]. Ин муқаррарот фаъолияти соҳибкориро, аз ҷумла дар соҳаи суғурта, ҳамчун фаъолияти озод ва ҳимояшаванда муайян менамояд ва барои рушди рақобати солим дар бозори суғурта заминаи муҳим фароҳам меорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» фаъолияти соҳибкориро ҳамчун «фаъолияти мустақил бо мақсади гирифтани фоида ва бо таваккали соҳибкор» муайян мекунад. Ин таъриф комилан ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ мувофиқат мекунад, зеро онҳо низ бо ҳадафи даромаднокӣ шартномаҳои суғурта мебанданд ва хатарҳои суғуртавӣ ва тиҷоратиро ба зимма мегиранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» фаъолияти суғуртавиро ҳамчун «фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ»[2] муайян менамояд. Ин муқаррарот собит месозад, ки ташкилотҳои суғуртавӣ субъекти соҳибкорӣ буда, фаъолияти онҳо бо мақсади гирифтани фоида амалӣ мегардад ва дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ ва назорати давлатӣ сурат мегирад.

Дар адабиёти илмӣ фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун «намуди фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои мустақилият, низомнокӣ ва таваккалӣ эътироф мешавад»[34]. Ин аломатҳо дар «Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан инъикос ёфтаанд. Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки ҳатто намудҳои ҳатмии суғурта (суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи мутақобила, суғуртаи нафақавӣ, суғуртаи амонату пасандозҳо, суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт) дар бозори суғурта аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд». Ин собит месозад, ки бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо хизматҳои молиявӣ пешниҳод мекунад, балки

ба устувории иқтисоди миллӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои умумӣ ва қонунҳои махсуси соҳавӣ иборат буда, онро ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва бо хатари худи субъектҳо эътироф мекунад.

Аз ҷиҳати назариявӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз дигар намудҳои соҳибкорӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти асосии фаъолият баромад мекунад. Суғуртакунанда таваккалро қабул мекунад ва бар ивазаш мукофоти суғуртавӣ мегирад. Ин муносибат аслан алеаторӣ аст: як тараф ҳамеша маблағи муайянро аз даст медиҳад, аммо тарафи дигар метавонад ҳам фоидаи калон ба даст орад ва ҳам зарари бузург бубинад. «Маҳз ҳамин хусусияти таваккалӣ фаъолияти суғуртавиро аз фаъолияти оддии соҳибкорӣ фарқ мекунад ва онро дар доираи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҷойгоҳи хосса медиҳад.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 12 фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат медиҳад ва ҳамаи шаклҳои моликиятро баробар ҳимоя мекунад. Ин принсип барои бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти соҳибкорӣ асоси конститутсионӣ медиҳад». Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаро ҳамчун муносибати шартномавӣ танзим мекунад ва муайян месозад, ки суғуртакунанда танҳо шахси ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратӣ буда метавонад, ки иҷозатнома дорад. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» фаъолияти суғуртавиро ҳамчун «фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта дар асоси иҷозатнома»[2] муайян мекунад. Дар ин ҷо се унсури асосӣ равшан дида мешаванд: мустақилият, бонизомӣ ва таваккалӣ. Ин се унсур маҳз ҳамон аломатҳои классикии фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда кушода шудаанд, ки ба онҳо молу мулк, таваккали ҷавобгарии маданӣ, таваккали соҳибкорӣ, шахсӣ ва ҳатмӣ дохил мешаванд. Таснифот собит месозад, ки дар бозори суғурта объектҳои фаъолияти

соҳибкорӣ на танҳо молу мулки моддӣ, балки неъматҳои ғайримоддӣ ва натиҷаҳои иқтисодии фаъолият низ мебошанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкориро муайян мекунад, ки ба фаъолияти суғуртавӣ низ татбиқ мешаванд: «қонуният, шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ, кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ, иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна». Ин принсипҳо дар бозори суғурта ҳамчун кафолати озодии интихоби шартнома, баробарии тарафҳо ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон амал мекунанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва бартарафсозии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолимро дар бозори суғуртавӣ ҳатмӣ медонад, ки ин мустақиман аз принсипи таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ бармеояд. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» рақобатро ҳамчун мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор муқаррар менамояд.

Таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки судҳо фаъолияти суғуртавиро ҳамчун «намуди мустақили соҳибкорӣ эътироф намуда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни онро дар доираи принсипҳои умумии ҳуқуқи маданӣ ва қонунҳои соҳавӣ таъмин менамоянд». Ин таҷриба дар ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ равшан зоҳир мешавад ва собит месозад, ки судҳо суғуртаи ҳатмиро ҳамчун унсури зарурии фаъолияти бехатари соҳибкорӣ арзёбӣ мекунанд.

Муқоисаи низоми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи байналмилалӣ ва қонунгузории кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ва принсипҳои асосӣ ҳамоҳангӣ қавӣ вуҷуд дорад, аммо дар сатҳи амалӣ, рушди бозор ва таносуби суғуртаҳои ихтиёрӣ/ҳатмӣ фарқиятҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд. Дар низомҳои пешрафта бозори суғурта пурра ташаккулёфта буда, ҳаҷми суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ хеле зиёд аст. Дар ҳуқуқи Тоҷикистон бошад афзалияти қонунгузорӣ ва амалия то ҳол ба суғуртаҳои ҳатмӣ равона шудааст. Ин аз ҳадафҳои сиёсати

давлатӣ – ҳимояи аввал манфиатҳои ҷомеа ва устувории низоми иҷтимоӣ – бармеояд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад, аммо дар амалия ва рушди бозор ҳанӯз фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Ин фарқиятҳо натиҷаи сатҳи иқтисодӣ, афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва омилҳои берунаи хос ба Тоҷикистон мебошанд.

Зербоби дуюми боби якум «**Аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ**» номгузорӣ шуда, муаллиф ибрози ақида менамояд, ки шартномаи суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат як намуди оддии шартномаҳои маданӣ, балки элементи ҳатмии муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад. Он ҳамзамон ҳам ҳифзи молиявӣ фароҳам меорад ва ҳам таъсири хатарҳои тиҷоратиро ба фаъолияти соҳибкорӣ кам мекунад. Таҳлили қонунҳои амалкунанда ва назарияҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ин шартнома аломатҳои умумии ҳамаи шартномаҳои маданӣ ва хусусиятҳои махсуси соҳаи суғуртаро дар бар мегирад.

Мувофиқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «суғурта дар асоси шартномаҳои суғуртаи молумулкӣ ё суғуртаи шахсӣ, ки байни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташаванда) ва ташкилоти суғуртавӣ (суғурткунанда) баста мешавад, анҷом дода мешавад)»[3]. Ин муқаррарот ҳамчун пояи ҳуқуқии шартномаи суғурта хизмат мекунад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти вижа пайдо мекунад, зеро аксари субъектҳои соҳибкорӣ ҳамзамон ҳам суғурташаванда ва ҳам бадастоварандагони фоидаи эҳтимолӣ мебошанд.

«Шартномаи суғурта чунин созишнома мебошад, ки тибқи он суғурташаванда ӯҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мувофиқи шартҳо пардохт кунад ва ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадор аст ҳангоми фаро расидани ҳодисаи пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм пардохти ҷубронӣ анҷом диҳад»[2]. Шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ хусусияти алеаторӣ дорад, яъне натиҷаҳои он аз як ҳодисаи номаълум барои ҳарду тараф вобаста мебошад. Таваккалро ҳамчун роҳ додан ба оқибатҳои манфӣ

ҳатто дар ҳолатҳои ғайриинтизор маънидод кардан мумкин аст, ки ин барои субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад.

Дар назарияи ҳуқуқ омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои махсуси шартномаи суғурта мақоми ҳалкунанда дорад. Ин масъала бо ташаккул ва рушди афкори ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта дар тӯли зиёда аз сад сол пайванди қавӣ дорад. Ҳамзамон, баррасии нишонаҳо ва хусусиятҳои шартнома аз мушкилоти мураккаби танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа бармеояд. То имрӯз байни ҳуқуқшиносон ягон нуқтаи назари муттаҳид нисбат ба таърифи умумии ин шартнома ва маҷмӯи нишонаҳои асосии он вуҷуд надорад.

Дар доираи соҳибкорӣ шартномаи суғурта дорои се аломати асосӣ мебошад, ки онро аз дигар намудҳои шартномаҳо фарқ мекунад. Аввалан, мустақилият ва таваккалии соҳибкорӣ: соҳибкор ҳамчун субъекти мустақил ҳуқуқ дорад хатарҳои тиҷоратии худро суғурта намояд. Ин аломат дар муқаррароти дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст, ки суғуртаи таваккали соҳибкорӣ танҳо ба манфиати худи суғурташаванда ва танҳо хатарҳои ӯро фаро мегирад. Дуюм, бонизом ва мақсади тиҷоратӣ: фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди соҳибкорӣ бояд бонизом ва бо ҳадафи гирифтани фоида анҷом дода шавад. Ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият карда, шартномаҳои суғуртаро ҳамчун маҳсули тиҷоратӣ пешниҳод менамоянд. Сеюм, ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва иқтисодӣ: объекти асосӣ дар соҳаи соҳибкорӣ хатарҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки дар муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Ин аломатҳо дар таҷрибаи судӣ низ тасдиқ мешаванд, зеро шартномаи суғуртаи масъулияти маданӣ ҳамчун унсури муносибатҳои соҳибкорӣ шинохта шуда, ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии соҳибкор равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, шартномаи суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ на танҳо шартномаи маданӣ, балки механизми муҳими коҳиши хатарҳои тиҷоратӣ ва таъмини устувории фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Аломатҳои ҳуқуқии шартномаи суғурта ҳамчун шартномаи маданӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду гурӯҳи асосӣ иборатанд: аломатҳои умумии ҳамаи шартномаҳои маданӣ

ва аломатҳои хоси соҳаи суғурта. Аломатҳои умумии шартномаи маданӣ чунинанд: иштироки ду тараф бо ҳуқуқҳои баробар, иродаи озод ва воқеии тарафҳо, ҳадафи ҳуқуқӣ ва молиявӣ. «Дар шартномаҳои суғурта иродаи суғурташаванда ҳамчун изҳори хоҳиши ҳимояи хатар аз оқибатҳои ҳодисаҳои тасодуфӣ зоҳир мешавад. Ин ирода бояд дар шакли хаттӣ собит карда шавад. Ҳадафи шартнома пардохти мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда ва ӯҳдадории суғурткунанда барои пардохти ҷуброни суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ мебошад».

Аломатҳои хоси шартномаи суғурта чунинанд: алеаторӣ (таваккалӣ), ҷубронӣ (компенсатсионӣ), ҳимоявӣ ва пешгирӣ. Алеаторӣ аломати асосӣ ва фарқкунанда мебошад. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳамчун шарти тасодуфӣ баромад мекунад, ки фарорасии он пешакӣ маълум нест ва ҳаҷми зарар низ пешакӣ дақиқ муайян карда намешавад. Дар соҳаи соҳибкорӣ ин аломат хеле равшан зоҳир мешавад, зеро суғуртаи таваккали соҳибкорӣ маҳз ба ҳамин асос сохта шудааст. Ҷубронӣ маънои онро дорад, ки маблағи пардохтшаванда набояд аз ҳаҷми зарари воқеӣ зиёд бошад. Ин принсип ҷуброни воқеӣ ном дорад ва аз шартномаҳои суғуртаи шахсӣ фарқ мекунад. Ҳимоявӣ ва пешгирӣ маънои онро дорад, ки шартнома ҳам ҳимояи пас аз ҳодиса ва ҳам унсурҳои пешгирӣ дорад. Суғурташаванда ӯҳдадор аст барои кам кардани зиёни эҳтимолӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешад.

Аломатҳои соҳибкории шартномаи суғурта бо хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ якҷоя мешаванд. Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ метавонад танҳо ба манфиати худи соҳибкор ва танҳо хатарҳои фаъолияти ӯ сурат гирад. Шартнома ҳамчун воситаи коҳиши таъсири омилҳои берунӣ ба натиҷаҳои иқтисодӣ ва таъмини устувории даромади бонизом хизмат мекунад.

Шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду категорияи асосӣ тақсим мешаванд: суғуртаи ихтиёрӣ ва суғуртаи ҳатмӣ. Ин тақсимот дар муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст ва дар қонунҳои махсуси соҳавӣ тафсилот дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил муайян карда шуд, ки шартномаи суғурта дорои ҳам аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва ҳам аломатҳои хоси соҳавӣ мебошад. Дар шароити

соҳибкорӣ ин аломатҳо бо хусусиятҳои фаъолияти тиҷоратӣ пайванди мустаҳкам доранд, ки ин шартномаро ба яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ табдил медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия «**Танзими давлатӣ ва мушкилотҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта**» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта, мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби дуюм «**Шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта**» буда, муаллиф қайд менамояд, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун системаи пурра ва ҳамоҳангшудаи шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқӣ фаъолият мекунад, ки ҳадафи асосии он таъмини устувории молиявӣ, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон, пешгирии хатарҳои системавӣ ва рушди рақобати одилона мебошад. Ин танзим дар асоси принсипҳои конститутсионӣ ва қонунҳои соҳавӣ амалӣ шуда, дар давраи кунунӣ аз ҷониби мақоми ягонаи назоратӣ – Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад. Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат медиҳад. Ин принсип барои бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти иқтисодӣ заминаи қавӣ фароҳам меорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» «принсипҳои қонуният, шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ–ро муайян менамояд», ки дар танзими бозори суғурта ҳамчун меъёрҳои асосӣ татбиқ мешаванд.

Шаклҳои асосии танзими давлатӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» муқаррар гардидаанд. Ба ин шаклҳо «иҷозатномадиҳӣ ҳамчун воситаи пешгирикунанда, назорати молиявӣ ва иқтисодӣ, чораҳои таъсиррасонӣ ва пешгирии

фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим дохил мешаванд». Ин шаклҳо бо механизмҳои ҳуқуқӣ таъмин карда шудаанд, ки аз ҷумла муқаррар намудани ҳадди ақали сармояи оинномавӣ, талаботҳо нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ ва тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавӣ мебошанд.

Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки «барои амалӣ кардани вазифаҳои давлат дар соҳаи суғурта, танзими бозори суғурта, ки пеш аз ҳама дар танзими ҳуқуқ ва ухдадориҳои иштирокчиёни ин бозор, дар таъмини пардохтпазирии он зоҳир мешавад, ниҳоят зарур аст. Ҳадафи суғурта фароҳам овардани шароити мусоид барои бахшҳои хизматрасони иқтисодиёт мебошад, на фоида ба ташкилоти суғуртавӣ, ки бояд онро мақомоти давлатӣ ва мақомоти назорати суғурта ба инобат гиранд. Дар ин робита муносибати босалоҳият ва мутавозин ба ҳамаи иштирокчиёни раванди суғурта муҳим аст»[52]. Вазифаҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ чунин мебошанд: «таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртавии устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта, танзими бозори суғурта ва назорат аз рӯи фаъолияти суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон, вазифаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғурта муайян намудааст»[2]. «Ин нуқта дар муқаррароти Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» инъикос ёфтааст, ки мақоми назорати суғуртавӣ вазифаҳои танзим ва назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад».

Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки танзими давлатӣ дар намудҳои ҳатмии суғурта бо механизмҳои қатъӣ амалӣ мегардад. Дар ҳамин ҳол, дар суғуртаи ихтиёрӣ механизмҳои озодтар бартарӣ доранд. Ҳамин тариқ, дар марҳилаи аввали таҳқиқот метавон хулоса кард, ки шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта системаи мутаносиби иҷозатномадиҳӣ, назорати молиявӣ, чораҳои таъсиррасонӣ ва пешгирии рақобати носолимро дар бар мегирад.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи ягонагӣ ва марказонидашудаи назорат сурат мегирад,

ки аз соли 2017 баъд аз вогузор кардани ваколатҳои пурра ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягонаи танзимкунанда ва назораткунанда амалӣ мегардад. Шакли асосии танзими пешгирикунанда иҷозатномадиҳӣ мебошад. Мувофиқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати суғуртакунанда танҳо шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки иҷозатномаи дахлдор доранд, шартномаи суғуртаро баста метавонанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ин шаклро ҳамчун механизми ҳатмӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта муқаррар менамояд. Дар амал иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ шуда, талабот ба сармояи оинномавӣ, захираҳои техникии суғуртавӣ ва қобилияти молиявиро дар бар мегирад.

Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки дар намудҳои ҳатмии суғурта танзим бо механизмҳои қатъӣ амалӣ мегардад. Дар суғуртаи ихтиёрӣ механизмҳои озодтар бартарӣ доранд. Механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: механизмҳои пешгирикунанда ва механизмҳои назоратӣ–ислоҳӣ. Ин тақсимот дар Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон комилан инъикос ёфтааст.

Асоси механизмҳои пешгирикунанда иҷозатномадиҳӣ мебошад. Мувофиқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти суғуртавӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки иҷозатномаи дахлдор доранд, амалӣ карда мешавад. Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ин шаклро ҳамчун механизми ҳатмӣ барои ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта муқаррар менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баррасӣ талаботҳои зеринро муқаррар мекунад: «ҳадди ақали сармояи оинномавӣ, талабот ба ташкили захираҳои техникии суғуртавӣ ва тартиби ҷойгиркунии онҳо, услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ»[12].

Таҳлили мукаммали шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки чандин хулосаи муҳим ва самтҳои асосии такмил муайян карда шаванд. Танзими давлатӣ дар бозори суғурта системаи

мутаносиби шаклҳои пешгирикунанда, назоратӣ–ислоҳӣ ва махсусро дар бар мегирад. Дар самти суғуртаи ҳатмӣ танзим бо механизмҳои қатъӣ тавсиф мешавад, ки ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва устувории муносибатҳои соҳибкориро таъмин менамояд. Дар самти суғуртаи ихтиёрӣ танзим нисбатан озодтар буда, ба назорати молиявӣ, устувории ташкилотҳо ва ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон равона аст, ки озодии шартнома ва рақобати солимро таъмин менамояд. Назорати ягона аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор устувории молиявӣ, шаффофият ва ҳимояи суғурташавандагонро таъмин менамояд, вале ҳанӯз ба сатҳи пурраи рушди бозори ихтиёрии тиҷоратӣ нарасидааст. Муқоиса бо стандартҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ҳамоҳангӣ қавӣ аст, аммо дар амалия афзалият ба суғуртаҳои ҳатмӣ дода шуда, бозори суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ ҳанӯз навташаккул қарор дорад.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта**» буда, муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисоди бозорӣ ва тағйирёбиҳои доимии муҳити тиҷоратӣ суғурта ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорон нақши марказӣ мебозад. Таҳлили парвандаҳои иқтисодӣ собит месозад, ки соҳибкорон маҷбуранд солҳо дар судҳо исбот кунанд, ки ҳодисаи рухдода воқеан суғуртавӣ будааст ва ширкат уҳдадориҳои худро иҷро карданӣ аст.

Дар ҳамин ҳол, дар аксари давлатҳои пешрафта чунин баҳсҳо дар муддати 30 то 90 рӯз тавассути омбудсмен ё комиссияҳои махсуси ғайрисудӣ ҳал карда мешаванд. Ин на танҳо вақтро сарфа мекунад, балки хароҷоти ҳуқуқии соҳибкоронро низ ба таври назаррас кам мекунад. Яке аз сабабҳои асосии чунин фарқият дар сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар он аст, ки дар кишварҳои пешрафта низоми мукаммали кафолатҳои давлатӣ ва шаффофияти иттилоотӣ фаъол аст.

Яке аз мушкилоти ҷиддии низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ мебошад. Ин фонд ҳамчун механизми муҳим дар ҳолати муфлисшавӣ ё аз даст додани қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ манфиатҳои соҳибкоронро ҳифз мекунад.

Дар кишварҳои пешрафта чунин фондҳо барои таъмини устувории бозор ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкорон таъсис дода шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло фақат Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо фаъолият мекунад, ки пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар муассисаҳои қарзӣ кафолат медиҳад. Аммо дар соҳаи суғурта чунин механизми кафолат ҳанӯз вуҷуд надорад, ки ин ба эътимоди соҳибкорон ба ширкатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ мерасонад. Набудани фонди кафолат боиси он мегардад, ки дар ҳолати муфлисшавии ширкат соҳибкорон маблағҳои худро пурра аз даст медиҳанд ва имконияти ҷуброни зарарро надоранд. Ин вазъият на танҳо ба соҳибкорони алоҳида зарар мерасонад, балки ба тамоми бозори суғурта ва эътимод ба он таъсири ҷиддӣ дорад.

Масъалаи дигари муҳим ба ҷуброни фоидаи гумшуда (талафоти даромад аз қатъи фаъолият) рабт дорад. Фоидаи гумшуда ҳамчун даромаде муайян карда мешавад, ки соҳибкор метавонист дар шароити муқаррарӣ ба даст орад, вале дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ онро аз даст додааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷуброни фоидаи гумшуда дар моддаи дахлдор танзим шудааст. Аммо дар амалия судҳо ва ширкатҳо аксар вақт исботи «ҳаҷми дақиқи фоидаи гумшуда»–ро талаб мекунанд, ки дар шароити иқтисодии номуътадил қариб ғайриимкон аст. Ин мушкилот дар низомҳои ҳуқуқии пасошӯравӣ ҳамчун монеаи ҷиддӣ қайд шудааст. Набудани методикаи ягона ва дақиқи ҳисоб ва талаботҳои сахти судӣ соҳибкоронро дар ҳолати муҳофизатнокии суст қарор медиҳад.

Масъалаи сеюми муҳим паст будани шаффофияти иттилоотӣ ва дастрасии маҳдуди соҳибкорон ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ мебошад. Гарчанде ки Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» принсипҳои шаффофиятро эътироф мекунад, қоидаҳои дақиқи нашри ҳисоботҳои оммавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ пурра мустаҳкам карда нашудаанд. Назорати давлатӣ нисбат ба қобилияти пардохтпазирии ширкатҳо маҳдуд аст ва соҳибкорон маълумоти кофӣ надоранд. Дар ҳоле ки дар соли 2025 санади меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи ҳаракати сармояи ширкатҳо тасдиқ шуд, аммо дар амалия соҳибкорон аксар вақт ба маълумоти нокифоя такя карда, ширкатҳои номуътадилро

интихоб мекунанд. Набудани шаффофияти иттилоотӣ яке аз монеаҳои асосии эътимод ба бозори суғурта мебошад.

Масъалаи чоруми муҳим набудани омбудсмени мустақил барои ҳалли суръатбахш ва ғайрисудии баҳсҳо мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳо асосан тавассути судҳо ҳал карда мешаванд ва ин раванди тӯлонӣ хароҷоти калони ҳуқуқӣ талаб мекунад. Дар ҳамин ҳол, дар аксари давлатҳои пешрафта чунин баҳсҳо дар давоми 30 то 90 рӯз тавассути омбудсмен ҳал мешаванд. Набудани институти омбудсмени мустақил яке аз сабабҳои паст будани эътимоди соҳибкорон ба суғурта мебошад.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадам таъсиси институти омбудсмени суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок мебошад. Қонуни «Дар бораи омбудсмени молиявӣ» қабул карда шавад. Доираи салоҳият то 50 000 сомонӣ муайян карда шавад. Дастгоҳ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Муроҷиат ройгон бошад. Мӯҳлати ҳал 30–90 рӯз муқаррар карда шавад. Муроҷиати ҳатмӣ ба омбудсмен пеш аз суд муқаррар карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунии намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ барои соҳибкорон маҳдуд аст. Аксари шартномаҳо ба суғуртаи молу мулк маҳдуд мешаванд. Суғуртаи қатъи фаъолият ҳамчун намуди ҷудогона дар қонунгузорӣ муайян нашудааст. То замоне ки доираи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ васеъ карда нашавад, соҳибкорон наметавонанд хатарҳои воқеии худро пурра ҳифз кунанд. Ҳадди ақали маблағҳои суғурта дар суғуртаи ихтиёрӣ нисбатан паст аст ва ширкатҳо хатарҳои калонро қабул намекунанд.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадам таҳия ва татбиқи барномаи давлатии ҳавасмандгардонии суғуртаи таваккали соҳибкорӣ барои соҳибкорони хурду миёна зарур аст. Ҷуброни қисми сармузди суғуртавӣ аз ҳисоби буҷет, таъсиси фонди дастгирӣ, баргузории семинарҳо ва рушди суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ пешбинӣ карда шаванд. Ба қонунгузорӣ намудҳои нави суғуртаи ихтиёрӣ ва талабот нисбат ба ҳадди ақали маблағҳо илова карда шаванд.

Ҳамин тариқ, татбиқи ин пешниҳодҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа имкон медиҳад, ки сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта ба стандартҳои

байналмилалӣ наздик шавад, эътимоди соҳибкорон афзоиш ёбад ва бозори суғуртаи ихтиёрӣ рушд карда, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Боби сеюм диссертатсия «**Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта, пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби сеюм «**Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта**» буда, муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисоди бозорӣ ва зиёд шудани хатарҳои берунӣ механизмҳои ҳуқуқӣ барои афзоиши самаранокии кори соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозанд. Ин механизмҳо аз принсипҳои асосии конститутсионӣ сарчашма гирифта, дар қонунҳои соҳавӣ ва умумии соҳибкорӣ ҷой дода шудаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат дода, давлатро ӯҳдадор месозад, ки шароити мусоид барои пешрафти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон муҳайё кунад. Ин принсипҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пояи муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта инъикос ёфтаанд.

Қонуни асосии соҳавӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016 № 1349 механизмҳои пурра ва мукаммали ҳуқуқиро барои афзоиши самаранокӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни бозор пешниҳод менамояд. Механизми аввалин ва муҳимтарин ин низоми иҷозатдиҳӣ ва назорати қатъии давлатӣ бар фаъолияти суғуртавӣ мебошад. Тибқи Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023 № 1968 фаъолияти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ ҳамчун намуди фаъолияти иҷозатшаванда муайян гардидааст. Ваколати пурраи назорат аз соли 2017 ба Бонки миллии Тоҷикистон супорида шудааст. «Ин механизм тавассути муқаррар кардани талаботҳо ба ҳадди ақали сармояи

оинномавӣ, тартиби ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ ва услуби баҳисобгирии тарифҳо амалӣ мегардад.

Муқаррароти зикршуда дар самти танзими фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се бахши асосӣ иборатанд: ҳадди ақали сармояи оинномавӣ, тартиби сармоягузории захираҳои суғуртавӣ ва қоидаҳои баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ. Ин муқаррарот дар маҷмӯъ барои таъмини устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои суғурташавандагон, аз ҷумла соҳибкорон, равона карда шудаанд». Дар заминаи мушкилоте, ки дар бахши қаблӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта баррасӣ шуданд, ин муқаррарот аҳамияти хосса доранд, зеро онҳо ба танзими масъалаҳои устувории молиявӣ ва шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ равона шудаанд.

Дар асоси таҳлили муқаррароти мазкур ва бо назардошти таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа пешниҳодҳои зерин барои такмили минбаъдаи онҳо пешниҳод карда мешаванд: тавсия дода мешавад, ки механизми индексатсияи ҳадди ақали сармоя бо назардошти таваррум ва тағйирёбии қурби асъор ҷорӣ карда шавад; тавсия дода мешавад, ки ба рӯйхати дороиҳои қобили сармоягузорӣ амволи ғайриманқул ва дигар намудҳои дороиҳои пасандозавӣ ворид карда шаванд; тавсия дода мешавад, ки дар қонунгузорӣ ҳатмии истифодаи хизматрасонии актуарийҳои сертификатсияшуда барои баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ муқаррар карда шавад; тавсия дода мешавад, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои суғуртавӣ стандартҳои миллии актуариро таҳия ва тасдиқ кунад; тавсия дода мешавад, ки рӯйхати маълумоте, ки ширкатҳои суғуртавӣ бояд дар сомонаи расмии худ нашр кунанд, васеъ карда шавад; тавсия дода мешавад, ки барои баъзе намудҳои дороиҳо талабот ба ҳадди ақали рейтинги кредитӣ муқаррар карда шавад; тавсия дода мешавад, ки дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Шӯрои актуариҳо таъсис дода шавад, ки вазифаи асосии он назорат аз болои сифати ҳисобҳои актуарӣ ва риояи стандартҳои касбӣ мебошад.

Татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад ба натиҷаҳои зерин оварда расонад: баланд шудани устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ тавассути такмили қоидаҳои сармоягузорӣ ва ҳатмии истифодаи актуарийҳо; афзоиши шаффофият тавассути васеъ

кардани рӯйхати маълумоти нашршаванда; коҳиши хатарҳои муфлисшавӣ тавассути таҷдиди даврии ҳадди ақали сармоя; баланд шудани эътимоди соҳибкорон ба низоми суғурта тавассути баланд шудани шаффофият ва устувории молиявӣ; ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ тавассути ҷорӣ кардани принсипҳои Solvency II ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар. Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкур дар маҷмӯъ заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои фаъолияти устувори ширкатҳои суғуртавӣ фароҳам меоранд ва дар якҷоягӣ бо дигар чораҳои пешниҳодшуда метавонанд сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкоронро дар соҳаи суғурта ба таври назаррас баланд бардоранд.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта**» буда, муаллиф қайд менамояд, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи қонунҳои амалкунанда ва тарзи татбиқи онҳо дар амалия собит месозад, ки барои таъмини устувории дарозмуддати кори соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта зарур аст, ки як силсила ислоҳоти системавӣ ва мукаммал ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ворид карда шаванд. Ин ислоҳотҳо бояд на фақат ҳифзи манфиатҳои соҳибкоронро қавӣ кунанд, балки ҳамзамон назорати давлатиро самараноктар, бозорро рақобатпазир ва хизматрасониҳоро дастрасу арзон гардонанд.

Пешниҳоди стратегӣ ва асосӣ ин таҳия ва қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади ягонаи кодексӣ мебошад. Ин кодекс бояд ҳамаи муносибатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла шартномаҳои суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ, аз навсуғуртакунӣ, суғуртаи рақамӣ, гурӯҳӣ ва корпоративӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои суғурташавандагон ва тартиби ҳалли ихтилофҳоро дар бар гирад. Қабули чунин кодекс имкон медиҳад, ки меъёрҳои парокандаи қонунҳои ҷорӣ муттаҳид шуда, такрорҳо ва ихтилофҳо бартараф гарданд.

Такмили қонунгузорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон бояд аз муқаррар кардани мӯҳлатҳои қатъӣ ва ҷазоҳои муассир барои вайронкуниҳо оғоз шавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мӯҳлатҳои дақиқи баррасии даъвоҳо муқаррар карда шаванд: «барои даъвоҳои оддӣ 15 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули расмӣ, барои даъвоҳои мураккаб 30 рӯзи корӣ. Дар ҳолати вайрон

шудани мӯҳлатҳо ҷаримаи ҳаррӯза ба андозаи 0,2–0,3 фоизи маблағи пардохтнашуда муқаррар шавад, ки ин маблағ бевосита ба суғурташаванда ҳамчун ҷуброни талафот пардохт мешавад». Ин меъёрҳо ширкатҳои суғуртавиро ба фаъолияти саривақтӣ ва масъулиятнок водор месозанд.

Барои пешгирии радди беасоси даъвоҳо ва таъмини шаффофияти қарорҳо рӯйхати маҳдуди ҳолатҳои рад кардани пардохт муқаррар карда шавад. Қоидаи тафсири ҳамаи шубҳаҳо ва нофаҳмиҳо дар матни шартнома ба нафъи суғурташаванда ворид карда шавад. Ҳатмӣ кардани пешниҳоди асосҳои рад кардани пардохт бо ҳуҷҷатҳои мушаххас ва бо забони тоҷикӣ дар мӯҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ пас аз қабули қарор зарур аст. Радди беасос ҳамчун вайронкунии ҷиддии шартнома эътироф карда шавад, ки ин ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни пурраи зарар, фоидаи аз даст рафта ва зарари маънавӣ медиҳад. Ин тағйиротҳо сатҳи адолат ва шаффофиятро дар муносибатҳои суғуртавӣ ба таври назаррас баланд мебардоранд.

## ХУЛОСА

Таҳқиқоти мазкур ба масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши комплексӣ, метавон чунин хулосаҳои умумиро баровард:

Бозори суғурта дар Тоҷикистон ҳамчун қисми муҳими инфрасохтори молиявӣ ва омили устувории иқтисодӣ ташаккул ёфта истодааст. Он на танҳо ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкориро таъмин менамояд, балки ба коҳиши хатарҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоя ва рушди бахши хусусӣ мусоидат мекунад. Дар солҳои 2020–2025 ҳаҷми премияҳои суғуртавӣ афзоиш ёфта, шумораи шартномаҳои басташуда зиёд шудааст, аммо сатҳи нафуз (penetration rate) ҳанӯз паст буда, бозор аз ҳамсояҳо (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон) хеле қафо мондааст. Ин вазъ аз зарурати такмили қонунгузорӣ, назорат ва фарҳанги суғурта шаҳодат медиҳад.

1. Фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда мешавад. Он дорои аломатҳои классикии соҳибкорӣ аст: мустақилият (озодии бастани шартномаҳо бо ихтиёри тарафҳо); бонизомӣ ва

доимӣ будани фаъолият; таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда); мақсади гирифтани фоида (даромаднокӣ).

Ин аломатҳо дар Конститутсияи ҶТ (моддаи 12), Қонуни «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва моддаҳои 1040–1084–и Кодекси мадании ҶТ комилан инъикос ёфтаанд[5–М].

2. Хусусияти асосии фаъолияти суғуртавӣ дар он аст, ки таваккал на ҳамчун омили беруна, балки ҳамчун объекти мустақими фаъолият баромад мекунад. Суғуртакунанда хатарро «мехарад», яъне онро ба тавозуни худ мегирад ва бар ивазаш мукофоти суғуртавӣ мегирад. Ин муносибатҳо аслан алеаторӣ (таваккалӣ) мебошанд: як тараф (суғурташаванда) ҳамеша маблағи муайянро аз даст медиҳад, аммо тарафи дигар (суғуртакунанда) метавонад ҳам фоидаи калон ба даст орад ва ҳам зарари бузург бубинад[1–М].

3. "Шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои зеринанд:

– дутарафа ва шартномавӣ будани муносибатҳо;

– ҳадафи ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва шахсӣ;

– ҳатто дар намудҳои ҳатмии суғурта (суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандӣ, суғуртаи амонатҳо, суғуртаи тиббӣ ва ғ.) фаъолият аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад" [7–М].

4. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз сатҳҳои гуногуни қонунгузорӣ иборат аст: конститутсионӣ (м. 12 Конститутсия), умумӣ (Қонуни соҳибкорӣ) ва махсус (Қонуни суғурта, Кодекси мадании ҶТ, қонунҳои соҳавӣ оид ба суғуртаи мутақобила, нафақавӣ, амонатҳо ва ғ.) [2–М].

5. Танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ дар Тоҷикистон асосан тавассути Бонки миллии Тоҷикистон (мақоми назорати суғуртавӣ) амалӣ карда мешавад. Шаклҳои асосии танзим инҳоянд:

– иҷозатдиҳӣ (лисензиякунонӣ);

– назорати молиявӣ ва капиталӣ;

– талаботҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият;

– назорати хавфҳо ва захираҳои техникӣ.

Дар солҳои 2023–2025 ислоҳоти муҳим гузаронида шуданд: гузариш ба ҳисоботдиҳии рақамӣ, муқаррар намудани талаботҳои нав ба захираҳои техникии ширкатҳо ва афзоиши назорат ба ҳимояи истеъмолкунандагон[4–М].

6. Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалӣ ҳанӯз ҳам зиёданд:

– нокифоягии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқии суғурташавандагон (ҳолатҳои радди пардохт, таъхирҳо, баҳсҳои шартномавӣ);

– паст будани шаффофият ва дастрасии иттилоот дар бозор;

– ҳамоҳанг набудани талаботҳои капиталӣ ва идоракунии хавфҳо бо стандартҳои байналмилалӣ (Solvency II, IFRS 17);

– заифии низоми ҳалли баҳсҳои ғайрисудӣ ва маҳдудияти рақобат;

– камбуди қонунгузории мукаммал оид ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва азнавсуғуртакунӣ.

7. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (Русия, Қазоқистон, Украина, Иттиҳоди Аврупо) нишон медиҳад, ки самаранокии баландтаринро низомҳои зерин доранд:

– таъсиси фондҳои кафолати пардохтҳо;

– татбиқи стандартҳои сахти капиталӣ ва идоракунии хавфҳо (Solvency II);

– ҳимояи қавии ҳуқуқии истеъмолкунандагон ва низоми муассири ҳалли баҳсҳо[9–М].

8. Ин таҷрибаҳо барои Тоҷикистон ҳамчун намунаи мусбат хидмат карда метавонанд, аммо татбиқи онҳо бояд бо шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвар мутобиқ карда шавад.

9. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта метавонанд дар се самти асосӣ тақвият ёбанд:

– Тақвияти ҳимояи ҳуқуқии суғурташавандагон (аз ҷумла соҳибкорон) тавассути муқаррар намудани тартиби содда ва муассири ҳалли баҳсҳо, аз ҷумла ҳалли ғайрисудӣ ва миёнаравӣ;

– Афзоиши шаффофият ва дастрасии иттилоот барои истеъмолкунандагон (ҷорӣ кардани стандартҳои ягонаи ҳисоботдиҳии электронӣ ва платформаҳои муқоисаи маҳсулоти суғуртавӣ);

– Таъмини устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ тавассути мукаммалгардонии талаботҳои капиталӣ ва захираҳои техникии онҳо бо назардошти хатарҳои воқеии бозори Тоҷикистон (хатарҳои табиӣ, иқлимӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ) [6–М].

10 .Пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта чунинанд:

– Ислоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо ворид намудани бобҳои нав ё муқарраротҳои алоҳида оид ба:

– суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (ҳамчун намуди мустақил);

– талаботҳои ҳадди ақали капиталӣ ва идоракунии хавфҳо бо мувофиқат ба принсипҳои Solvency II;

– ҳимояи ҳуқуқии суғурташавандагон дар ҳолатҳои радди пардохт ё таъхир;

– танзими фаъолияти азнавсуғуртакунӣ (реинсуранс) ва брокерҳои суғуртавӣ.

– Таъсиси Фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ (analog ба фондҳои Русия, Қазоқистон ва Украина) барои ҳимояи ҳуқуқҳои суғурташавандагон дар ҳолати банкротӣ ё қатъи фаъолияти ширкати суғуртавӣ.

– Ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳӣ (IFRS 17) барои ташкилотҳои суғуртавӣ ва мутобиқгардонии ҳисоботи онҳо ба ин стандартҳо то соли 2028–2030.

– Таҳия ва қабули қонуни алоҳида оид ба суғуртаи ҳатмии муайян (масалан, суғуртаи хатарҳои табиӣ, суғуртаи масъулияти соҳибкорон дар соҳаҳои хатарнок) бо муқаррароти дақиқи ҳимояи манфиатҳо [3–М].

11. Рушди рақамисозӣ ҳамчун омили муҳим барои афзоиши дастрасӣ ва самаранокӣ:

– Эҷоди платформаи ягонаи электронӣ барои бастани шартномаҳо, пардохти мукофотҳо ва пешниҳоди даъвоҳо (InsurTech);

– Ҷорӣ кардани ҳисоботдиҳии автоматӣ ва назорати фосилавӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон;

– Омӯзиши кормандони мақомоти назоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти идоракунии хавфҳои рақамӣ ва киберхатарҳо.

Тавсияҳои умумӣ барои амалисозӣ чунинанд:

а. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки то соли 2027–2028 лоиҳаи тағйирот ба Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»–ро таҳия ва қабул намоянд, ки дар он пешниҳодҳои зерин инъикос ёбанд:

– муқаррарот оид ба Фонди кафолат;

– стандартҳои нав барои капитал ва захираҳои техникӣ;

– тартиби ҳимояи ҳуқуқии суғурташавандагон дар ҳолатҳои радди пардохт.

б. Ба ташкилотҳои суғуртавӣ тавсия дода мешавад, ки:

– системаҳои идоракунии хавфҳои дохилиро мукаммал гардонанд;

– ба ҷорӣ кардани маҳсулоти нав (суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, суғуртаи киберхатарҳо, суғуртаи хатарҳои иқлимӣ) диққат диҳанд;

– сатҳи шаффофият ва сифати хизматрасониро баланд бардоранд[8–М].

в. Ба донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ тавсия дода мешавад, ки омӯзиши минбаъдаро дар самтҳои зерин идома диҳанд:

– таъсири тағйирёбии иқлим ба бозори суғуртаи Тоҷикистон;

– татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон;

– таҳлили парвандаҳои судӣ оид ба баҳсҳои суғуртавӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили низоми ҳалли баҳсҳо.

Таҳқиқот илмӣ исбот намуд, ки бо вуҷуди пешрафтҳои муайян, бозори суғуртаи Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Бидуни ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангӣ бо стандартҳои муосир, рушди устувор ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон ғайриимкон аст. Пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун замина барои қабули қарорҳои қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи суғурта хизмат кунанд ва ба афзоиши эътимод ба низоми суғурта, рушди рақобат ва устувории иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси суғурта ҳамчун санади ягонаи кодексӣ бояд ҳамаи муносибатҳои суғуртавиро муттаҳид намуда, парокандагии меъёрҳоро дар қонунҳои гуногун бартараф созад. Дар сохтори кодекс панҷ қисми асосӣ пешбинӣ мешавад: қоидаҳои умумӣ (принсипҳо, мафҳумҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо); намудҳои суғурта (бо бобҳои махсус оид ба суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ, суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ); азнавсуғуртакунӣ ва идоракунии хавфҳои калон; ҳимояи ҳуқуқи суғурташавандагон (бо таъкид ба ҳуқуқи соҳибкорон); ҳалли низоъҳо ва назорати давлатӣ.

Қабули кодекс барои соҳибкорон шаффофияти қонунгузориро таъмин намуда, ҳамаи қоидаҳоро дар як санад ҷамъ меоварад. Дар кодекс мафҳумҳои калидӣ ба монанди "хаври соҳибкорӣ", "зарари иқтисодӣ" ва "фоидаи гумшуда" ба таври дақиқ муайян карда мешаванд. Боби махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон мӯҳлатҳои қатъии баррасии даъвоҳо, маҳдудияти ҳолатҳои радди пардохт ва принсипи тафсири шартнома ба нафъи суғурташавандаро муқаррар менамояд. Ҳамчунин, бобҳои нав оид ба суғуртаи киберӣ ва суғуртаи рақамӣ ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки аз хавфҳои муосири технологӣ ҳифз шаванд ва тавассути платформаҳои онлайн ба хизматрасониҳо дастрасии осон пайдо кунанд. Кодекси суғурта заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои рушди бозори суғурта ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон фароҳам меорад.

2. Таъсиси низоми кафолати пардохтҳои суғуртавӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо фаъолият мекунад, вале он танҳо пасандозҳои бонкиро кафолат медиҳад. Барои ҳимояи соҳибкорон дар ҳолати муфлисшавии ширкатҳои суғуртавӣ, зарурати таъсиси Хазинаи миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон вуҷуд дорад. Ин хазина бояд аз ҳисоби саҳмияҳои ҳатмии ширкатҳои суғуртавӣ (0,5–2% аз ҳаҷми мукофотҳо) ташаккул ёбад ва дорои шӯрои нозирон бо иштироки намояндагони соҳибкорон бошад.

Ҳамзамон, такмили Хазинаи мавҷудаи суғуртаи амонату пасандозҳо тавассути афзоиши ҳадди кафолати як суғурташаванда то 500 000 сомонӣ ва муқаррар кардани мӯҳлати қатъии

пардохтҳо (на зиёда аз 45 рӯзи корӣ) пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати барҳамдиҳии ширкати суғуртавӣ, механизми интиқоли шартномаҳо ба ширкати дигар бояд бо ризоияти соҳибкор ва бе тағйири шароитҳои асосӣ амалӣ карда шавад. Ин чорабиниҳо эътимоди соҳибкоронро ба низоми суғурта ҳатто дар ҳолатҳои бӯҳронӣ нигоҳ дошта, хавфи талафоти комили маблағҳои суғурташудаpо ба таври назаррас коҳиш медиҳанд.

2. Таъсиси институтҳои мустақили ҳалли низоъҳо. Таҳлили парвандаҳои судӣ нишон медиҳад, ки баҳсҳои суғуртавӣ дар судҳои Тоҷикистон солҳо тӯл мекашанд ва барои соҳибкорон хароҷоти калони ҳуқуқӣ талаб мекунанд. Дар муқоиса, кишварҳои пешрафта чунин баҳсҳоро дар давоми 30–90 рӯз тавассути омбудсмен ҳал мекунанд. Аз ин рӯ, таъсиси Институти мустақили омбудсмени суғурта дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ё ҳамчун сохтори мустақил пешниҳод карда мешавад. Омбудсмен бояд ваколати қабули шикоятҳо аз соҳибкорон, таъин кардани экспертизаи мустақил ва қабули қарорҳои ҳатмӣ барои ширкатҳои суғуртавӣ дошта бошад.

Мӯҳлати баррасии шикоятҳо набояд аз 20 рӯзи корӣ зиёд бошад ва хизматрасонӣ барои соҳибкорон ройгон аст. Барои шикоятҳои то 100 000 сомонӣ қарори омбудсмен ҳатмӣ мебошад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани миёнаравии ҳатмии пеш аз судӣ барои даъвоҳои то 200 000 сомонӣ пешниҳод карда мешавад. Дар судҳои иқтисодӣ бояд судяҳои ихтисосӣ барои баррасии баҳсҳои суғуртавӣ таъйин карда шаванд ва мӯҳлати баррасии парвандаҳо на зиёда аз 6 моҳ муқаррар гардад. Ин система вақт ва хароҷоти соҳибкоронро ҳангоми ҳалли низоъҳо ба таври назаррас кам мекунад.

4. Ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва маъмурии соҳибкорон. Барои тағйир додани муносибати соҳибкорон ба суғурта ҳамчун хароҷоти иловагӣ ва ташвиқи онҳо ба истифодаи фаъоли ин воситаи ҳифз, зарурати таъсиси низоми ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва маъмурӣ вуҷуд дорад. Дар самти андозбандӣ, пешниҳод карда мешавад, ки пардохтҳои суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ (тиҷоратӣ, масъулият, қатъи фаъолият, киберӣ) ба рӯйхати хароҷоти қонунӣ ҳангоми ҳисоби андози даромад дохил карда шаванд. Инчунин, барои корхонаҳое, ки суғуртаи гурӯҳии

ҳаёт ва саломатии кормандонро бастаанд, ҳадди ақали андозбандӣ кам карда шавад.

Дар ҳамкорӣ бо бонкҳои давлатӣ, барои корхонаҳое, ки ҳадди ақали хавфҳои асосиро суғурта кардаанд, қарзҳои имтиёзнок бо фоизи паст (то 5% солона) пешниҳод карда шаванд. Дар тендерҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои бузург, суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ ва масъулияти маҳсулот ҳамчун шарти ҳатмии иштирок муқаррар карда шавад ва ба иштирокчиёне, ки суғуртаи пурра доранд, баллҳои иловагӣ дода шаванд. Инчунин, сертификатҳои суғуртавӣ ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи устувории молиявӣ ҳангоми гирифтани иҷозатномаҳо ва субсидияҳои давлатӣ эътироф карда шаванд.

5. Таъмини устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ. Устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ кафолати асосии иҷрои ӯҳдадориҳо дар назди соҳибкорон мебошад. Бо назардошти афзоиши ҳаҷми бозор ва инфлятсия, ҳадди ақали сармояи оинномавӣ бояд афзоиш дода шавад: барои суғуртаи умумӣ аз 2 то 5 млн сомонӣ, барои суғуртаи умумӣ ва ҳаёт аз 5 то 10 млн сомонӣ, барои суғуртаи ҳатмӣ аз 10 то 20 млн сомонӣ ва барои азнавсуғуртакунӣ аз 50 то 100 млн сомонӣ. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани унсурҳои стандарти байналмилалии Solvency II, аз ҷумла талабот ба сармоя барои хавфҳо (SCR), ҳадди ақали сармоя (MCR) ва арзёбии дохилии хавфҳо (ORSA) пешниҳод карда мешавад.

Дар самти азнавсуғуртакунӣ, ҳадди ақали ҳатмии 40% аз ҳаҷми ҳамаи шартномаҳои калон (зиёда аз 1 млн сомонӣ) бояд ба азнавсуғуртакунӣ дода шавад. Ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии азнавсуғуртакунӣ (Swiss Re, Munich Re) ҳамчун шарти гирифтани иҷозатнома барои намудҳои муайяни суғурта муқаррар карда шавад. Стресс–тестҳои ҳатмии солона бо сенарияҳои бӯҳронӣ (паст шудани бозор, афзоиши даъвоҳо аз 200%, ҳодисаҳои табиӣ) гузаронида шаванд ва натиҷаҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд. Ин чорабиниҳо ширкатҳоро ба идоракунии оқилонаи хавфҳо водор сохта, қобилияти пардохтии онҳоро дар ҳолатҳои бӯҳронӣ таъмин менамоянд.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1–М]. Аҷиков, А.Н. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташакулёбии суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278–286. – ISSN 2664–0651.

[2–М]. Аҷиков, А.Н. Заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 3 (68). – С. 307–314. – ISSN 2664–0651.

[3–М]. Аҷиков, А.Н. Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 2 (18). – С. 130–136. – ISSN 2710–4672.

[4–М]. Аҷиков, А.Н. Танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). – С. 251–258. – ISSN 2414 9217.

[5–М]. Сангинзода, Д.Ш., Аҷиков, А.Н. Мафҳум, аломат ва махсусияти хизматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – № 3 (74). – С. 148–154. – ISSN 2664–0651.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:

[6–М]. Аҷиков, А.Н. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир» (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025. – С. 193–200.

[7–М]. Аджиков, А.Н. Договор оказания страховых услуг: сравнительный анализ законодательства США, России и Китая [Текст] / А.Н. Аджиков // Материалы международной научно–практической конференции на тему «Актуальные вопросы права и экономики в современных условиях» (Душанбе, 20 ноября 2025

года). – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2025. – С. 127–132.

[8–М]. Аҷиков, А.Н. Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С. 123–127.

[9–М]. Аҷиков, А.Н. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аджиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С. 180–184.

ДАНГАРИНСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ
УНИВЕРСИТЕТ

**УКД:** 347.4:368 (575.3)
**ББК:** 67.99 (2) 3+65.9 (2) 261.7 (2тоҷикӣ)
**Н–** 92

На правах рукописи

**НУРУЛЛОЗОДА АЛИ НУРУЛЛО**

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА РЫНКЕ СТРАХОВЫХ УСЛУГ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.3 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право

**ДАНГАРА – 2026**

Диссертация выполнена на кафедре угаловного права и противодействия коррупции факультета государственного управления и права Дангаринского государственного университета

**Научный руководитель:** **Сангинзода Д.Ш.** – доктор юридических наук, профессор, заместитель директора по науке и образованию Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана.

**Официальные оппоненты:** **Бобозода Джамурод Курбон –** доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой экономического и финансового права Таджикского государственного университета финансов и экономики;

**Сидиков Дилшод Ахрорович** – кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права юридического факультета Российско–Таджикского (Славянского) университета.

**Ведущее учреждение:** Государственное образовательное учреждение «Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан» (г. Душанбе

Защита диссертации состоится «3» июля 2026 года, в 09:$^{00}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA–019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

Адрес: Кодиров Н.А. master.nek@mail.ru, (тел.: 905–80–86–86)

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан «___» ___________ 2026 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Кадиров Н.А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В современных условиях правового и экономического развития в Республике Таджикистан правовое регулирование предпринимательской деятельности в секторе страховых услуг занимает крайне важное место. Этот вопрос является очень чувствительным и необходимым по нескольким направлениям. Прежде всего, страховой сектор, как ключевой компонент финансовой структуры страны, способствует защите имущественных прав юридических и физических лиц, снижению экономических рисков для предпринимателей и обеспечению общей устойчивости национальной экономики. В последние годы этот рынок демонстрирует положительные показатели. Например, «в первом полугодии 2025 года общий объём страховых премий достиг 208,60 млн сомони, увеличившись на 5,04% по сравнению с аналогичным периодом прошлого года, что также связано с ростом числа заключённых договоров (в этом же периоде +16,4%). В первом квартале 2025 года объём составил 114,40 млн сомони (хотя и наблюдается снижение на –14,2% по сравнению с прошлым годом), но в целом прослеживается тенденция к росту» [89]. Эти цифры свидетельствуют о том, что рынок расширяется, однако его объём всё ещё очень мал по сравнению с соседними странами (Казахстан, Узбекистан), а уровень проникновения остаётся низким [90].

Во–вторых, предпринимательская деятельность на этом рынке носит рисковый характер, то есть страховые организации принимают на себя реальные риски предпринимателей (предпринимательский риск, гражданско–правовую ответственность, убытки имущества и т.д.) и получают за это прибыль. Эти отношения напрямую влияют на стабильность предпринимательской деятельности, привлечение капитала и развитие частного сектора. В условиях Таджикистана, экономика которого зависит от внешних факторов (миграция, изменение климата, природные риски), страхование приобретает стратегическое значение как инструмент снижения рисков.

В–третьих, правовые и практические проблемы всё ещё многочисленны и препятствуют развитию этого рынка: «недостаточность средств правовой защиты предпринимателей и застрахованных лиц (включая случаи отказа в выплатах, споры, связанные с договорами, низкий уровень доверия к страховым компаниям); недостаточная гармонизация с международными

нормами (например, требования к капиталу и управлению рисками); проблемы государственного регулирования – хотя Национальный банк Таджикистана в 2025 году перешёл к цифровизации страховой деятельности и ввёл ряд новых мер, всё ещё наблюдается недостаток специальных законов (особенно в сфере обязательного страхования по отдельным видам или перестрахования); низкий уровень охвата рынка – общий объём страховых премий по отношению к ВВП очень низок (по некоторым анализам, около 28 млн долларов США в последние годы), что свидетельствует о слабой страховой культуре и ограниченном доступе к услугам» [88].

В–четвёртых, на уровне государственной политики эта тема является приоритетной. В Посланиях Президента Республики Таджикистан (2020–2025 годы) [84; 85; 86; 87] и Среднесрочной программе развития на 2021–2025 годы [82] совершенствование финансового рынка, включая страховой рынок, упоминается как важный фактор устойчивого развития и сокращения бедности. «Страновые стратегии Всемирного банка и других партнёров на 2025–2030 годы также уделяют особое внимание укреплению конкурентоспособности, управлению рисками и финансовой доступности» [83].

В–пятых, с научной и практической точек зрения глубокое правовое исследование этой сферы всё ещё недостаточно. В то время как работы таджикских учёных (Зайнутдинова З.З., Золотухин А.В., Искандари С. [63; 65; 66]) заложили теоретические основы, специфические аспекты Таджикистана – такие как внедрение цифровизации в 2025 году, влияние изменения климата на страховые риски и правовая защита предпринимателей в условиях растущей конкуренции на страховом рынке Таджикистана – ещё полностью не изучены.

Таким образом, актуальность темы проистекает из её прямой связи с развитием национальной экономики, защитой интересов предпринимателей, финансовой стабильностью и реализацией государственной политики. Правовое исследование этого страхового рынка с точки зрения гражданского и предпринимательского права может способствовать совершенствованию законодательства (включая Закон РТ «О страховой деятельности»[2]), повышению эффективности надзора и росту доверия общества к страховому рынку. Всё это имеет

чрезвычайное значение в нынешних условиях, когда страна движется к цифровой и устойчивой экономике.

В этой связи изучение правового регулирования предпринимательской деятельности на рынке страховых услуг имеет особое значение, и теоретико–практический анализ этой темы в условиях развития рыночной экономики для Республики Таджикистан является одной из важных и повседневных задач.

**Степень изученности научной темы**. Тема правового регулирования предпринимательской деятельности на рынке страховых услуг Республики Таджикистан в определённой степени изучена в отечественной и зарубежной научной литературе, однако её степень изученности всё ещё оценивается как недостаточная. Данная тема рассматривается в рамках гражданского и предпринимательского права и в основном делится на два уровня.

1. На отечественном уровне, в связи с правовым обеспечением страхования предпринимательского риска в гражданском праве Республики Таджикистан, защищены: докторская диссертация Золотухина А.В. (2015) [65]; кандидатская диссертация Искандари С. «Страхование предпринимательского риска: частноправовое регулирование в Республике Таджикистан» (2018) [66]; кандидатская диссертация З.З. Зайнутдиновой «Страховой интерес как основная категория страхового права Республики Таджикистан» (2025) [63]. Наряду с этим, учёные Ш.К. Бадалов (Ш.К. Каримзода) [19], И.Х. Бободжонов (И.Х. Бободжонзода) [19], Р.Б. Бозоров [60], Ш.К. Гаюрзода [46; 47], Ш.М. Исмаилов [17], Ф.А. Махмадшоев [70], М.А. Махмудов (М.З. Махмудзода) [18; 19], Ш.М. Менглиев [18; 20], П.З. Мирзозода [48; 49; 50], Дж.С. Муртазакулов (Дж.С. Муртазозода) [51], В.А. Ойгензихт [23; 24], М.З. Рахимов (М.З. Рахимзода) 25; 26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 52; 71], Д.Ш. Сангинов (Д.Ш. Сангинзода) [21; 22; 33; 34; 25; 36; 37; 38; 39; 40;41; 43; 44; 45; 53; 54;55; 56; 57; 58; 73; 74; 75], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [42], Т.И. Султанова [76; 77], Ш.Т. Тагайназаров [19; 59] и другие в своих трудах проанализировали отдельные аспекты рынка страховых услуг.

2. На уровне зарубежных стран учёные А.В. Брызгалин [60], И.А. Волкова [62], С.В. Жучков [64], О.А. Кабышев [67], В.А. Копылов [68], И.В. Лаптева [69], А.Г. Савин [72], Н.И. Федякова [78], М.И. Чаава [79], Л.Г. Шаршукова [80]; Т.С. Шестовских [81] проанализировали некоторые правовые аспекты страховой

деятельности. Этот опыт важен для Таджикистана, однако различия в законодательстве и практике страны не позволяют напрямую применять их результаты.

Большинство работ сосредоточены на общих аспектах правового регулирования страховых отношений и не охватывают глубокий практический анализ страхового рынка, поскольку многие работы фокусируются на теоретических аспектах (определения, принципы, конституционные основы), но не включают практический анализ рынка после 2020–2025 годов (цифровизация, рост выплат, проблемы защиты страхователей, влияние изменения климата на риски). Также сравнительные исследования (сравнение законодательства Таджикистана с Россией, Казахстаном, Украиной и ЕС) и изучение судебных дел (экономические решения по страховым спорам) проведены не полностью. Кроме того, последние нововведения (цифровизация надзора со стороны НБТ, влияние пандемии и рост природных рисков) не нашли отражения в предыдущих работах.

В данной диссертации предпринята попытка решить проблемные вопросы в этой области посредством всестороннего анализа темы исследования.

**Связь исследования с научными и программами и темами.** Данное диссертационное исследование выполнено в рамках научно–исследовательских тем Дангаринского государственного университета: «Формирование правовой культуры как фактора развития правового государства в условиях трансформатции общественных отношений на 2021–2025 годы».

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Целью исследования является разработка теоретических и практических основ совершенствования правового регулирования предпринимательской деятельности на страховом рынке Таджикистана с учётом современных условий и мирового опыта.

**Задачи исследования.** Основные задачи диссертационного исследования заключаются в следующем:

– концептуальный анализ понятия и правовой сущности предпринимательской деятельности на страховом рынке как самостоятельного вида предпринимательской деятельности.

– определение признаков, особенностей и правовых форм договоров страхования как объекта предпринимательских

отношений и определение их роли в гражданско–правовом обороте.

– изучение форм и правовых механизмов государственного регулирования предпринимательской деятельности на рынке страховых услуг и оценка их эффективности в современных условиях.

– сравнительный анализ законодательства и практики зарубежных государств по защите прав предпринимателей в сфере страхования, а также изучение правовых проблем в этой области с целью использования положительного опыта.

– предложение правовых механизмов для повышения эффективности предпринимательской деятельности и усиления гарантий защиты интересов предпринимателей на страховом рынке.

– разработка и обоснование конкретных предложений по совершенствованию действующего законодательства в целях обеспечения стабильности, развития и правовой защиты предпринимательской деятельности на страховом рынке.

**Объект исследования** – правовые отношения, возникающие в процессе осуществления предпринимательской деятельности на рынке страховых услуг в Республике Таджикистан. Эти отношения складываются между страховыми организациями (страховщиками), страхователями (включая субъектов предпринимательства), государственными надзорными органами и другими участниками рынка (брокеры, аджастеры, актуарии).

**Предмет исследования** – правовые нормы, регулирующие предпринимательскую деятельность на страховом рынке, формы и содержание договоров страхования как объекта предпринимательских отношений, механизмы государственного регулирования, практические проблемы и пути совершенствования законодательства в этой сфере.

**Этап, место и период исследования (исторический период исследования).** Этап исследования охватывает 2020–2025 годы, местом исследования является Республика Таджикистан (в сравнении с законодательством России, Казахстана, Украины и стандартами ЕС), а период исследования – действующее законодательство страны в 1991–2025 годах с особым вниманием.

**Теоретическая основа диссертационного исследования.** Теоретическую основу исследования составляют труды отечественных учёных Furboджонова И.Х., Бозорова Р.Б.,

Бадалова Ш.К., Гаюрзоды Ш.К., Исмаилова Ш.М., Махмудова М.А., Махмадшоева Ф.А., Менглиева Ш.М., Мирзозоды П.З., Муртазакулова Дж.С., Ойгензихта В.А., Рахимова М.З., Сангинова Д.Ш., Султановой Т.И., Тагайназарова Ш.Т., Шарофзоды Р.Ш. и зарубежных учёных Брызгалина А.В., Волковой И.А., Жучкова С.В., Кабышева О.А., Копылова В.А., Лаптевой И.В., Савина А.Г., Федяковой Н.И., Чаава М.И., Шаршуковой Л.Г., Шестовских Т.С.

Практическая основа исследования заключается в том, что были подробно проанализированы официальная статистика Национального банка Таджикистана о страховом рынке (2020–2025), отчёты Фонда страхования вкладов и сбережений, решения экономических судов Таджикистана по страховым спорам (5 рассмотренных дел), практическая деятельность страховых организаций и надзорного органа.

**Методологические основы исследования.** В научном исследовании следующие методы исследования, в зависимости от их использования в структуре диссертации, поясняются следующим образом:

1. Аналитико–правовой метод. Этот метод широко использовался как основной инструмент исследования во всех главах, особенно в подразделах 1.1., 2.1. и 3.1. Посредством этого метода автор глубоко проанализировал сущность правовых норм (Конституция РТ[1], ГК РТ[3], Закон РТ «О страховой деятельности»[2] и другие акты[4–16]), определил основные понятия, правовые признаки и принципы предпринимательской деятельности на страховом рынке. В частях, посвящённых анализу законодательства и судебной практики (включая введение и главу 1), этот метод позволил автору выявить сильные и слабые стороны законодательства.

2. Сравнительно–правовой метод. Этот метод использовался частично во введении, в параграфе 2.2. и в главе 3. Используя этот метод, автор сравнил законодательство Республики Таджикистан в сфере страхования с законодательством зарубежных стран (Россия, Казахстан, Украина, Германия, Франция) и международными стандартами (Solvency II, IFRS 17). В результате было определено место национальной системы на международной арене, и в главе 3 был предложен положительный зарубежный опыт для внесения предложений по совершенствованию законодательства.

3. Исторический метод. Хотя этот метод использовался в диссертации реже, он сыграл важную роль во введении и параграфе 1.1. для демонстрации исторической эволюции правового регулирования страховой деятельности и формирования научной мысли в этой области (например, в части анализа литературы и степени изученности темы). Это позволило автору определить основные этапы развития законодательства и показать последовательность изменений в этой сфере.

4. Синтез и индукция. Этот метод широко использовался при подготовке общих выводов по главам (особенно в конце глав 1, 2 и в общем заключении диссертации). Посредством синтеза автор объединил разрозненную правовую информацию и обобщил результаты анализа в главе 3 (особенно в подразделах 3.1. и 3.2.) для предложения новых механизмов и совершенствования законодательства. Индукция позволила от наблюдения за судебными делами (5 дел во введении и главе 2) и практическим опытом перейти к общим выводам о правовых проблемах на рынке.

5. Метод моделирования. Этот метод наиболее широко использовался в третьей главе диссертации (особенно в параграфе 3.2.). На основе анализов и сравнений автор разработал правовые модели совершенствования законодательства (такие как предложение о создании Фонда гарантирования страховых выплат, института Страхового омбудсмена, внесении новых глав в закон). Эти модели разработаны на основе изучения международного опыта и его адаптации к национальным условиям Таджикистана и предлагают реальные пути решения правовых проблем в сфере страхования.

**Эмпирическая предпосылка.** В процессе диссертационного исследования с целью обеспечения научной обоснованности и достоверности результатов был изучен и проанализирован широкий круг эмпирических источников. В качестве нормативно–правовой основы исследования послужили действующие нормативные правовые акты (Конституция РТ, Гражданский кодекс РТ, законы Республики Таджикистан «О страховой деятельности», «О государственной защите и поддержке предпринимательства» и др.), антимонопольные акты и другие внутренние документы надзорных органов. Анализ этих документов способствовал определению действующего правового поля и нахождению путей его совершенствования. Основную

